**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи “Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Меҳринисо Бобобекова яке аз адибони хушсалиқа ва пурмаҳсули адабиёти навини тоҷик маҳсуб мешавад. Агарчи фаъолияти эҷодии Меҳринисо ҳанӯз аз даврони шуравӣ - солҳои ҳафтодуми асри гузашта оғоз гаштааст, беҳтарин ва бузургтарин маҷмуаҳои ашъори ӯ марбут ба даврони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Фаъолияти даврони пасошуравии Меҳринисо дурахшонтарин марҳалаи эҷодиёти вай ба ҳисоб рафта, маҳз дар ҳамин даврон шахсияти адабии шоир ҷилваи махсуси худро пайдо менамояд. Агар дар даврони шуравӣ ашъори мунтахаби шоир дар силсиламаҷмуаҳои дастҷамъӣ монанди “Барги сабз” (Намунаҳои ашъори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик.- 1987) ва “Хӯшаи парвин” (Навниҳолони боғи адабиёт.- 1989) ба табъ расида бошанд, боқӣ ҳама маҷмуаҳои вай маҳсули даврони истиқлоланд. Маҳз дар даврони истиқлол маҷмуаҳои маъруфи Меҳринисо, амсоли: “Нафаси субҳ” (1992), “Шароби нур” (1996), “Замзамаи зебоӣ” (2001), “Меҳроби меҳр ” (2006), “Оини Хуршед ” (2011), “Меҳроби розам – модарам ” (2019), “Оҳанги зиндагӣ ” (2019) рӯйи чопро дида, муаллифи онро дар радифи дигар бонувони суханвари маъруфи имрӯзи тоҷик муаррифӣ намудаанд.

Аммо, бояд қайд намуд, ки бо вуҷуди фаъолияти пурмаҳсул, ҳаёт ва эҷодиёти Меҳринисо Бобобекова аз назари аҳли таҳқиқ дур монда, дар атрофи он то ҳанӯз дар адабиётшиносии муосири тоҷик ягон кори илмӣ-таҳқиқӣ дар сатҳи рисолаи диссертатсионӣ ба анҷом нарасидааст. Дар иртибот бар ин, таҳқиқоти Усмониён Нозила Усмон зери унвони “**Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ**” аввалин кори анҷомёфтаи серпаҳлу дар шакли рисолаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад. Масоили дар рисолаи мазкур таҳқиқёфта дар адабиётшиносии тоҷик тамоман наву актуалӣ буда, роҳро дар ин самт ҷиҳати рӯйи кор омадани таҳқиқоти минбаъда дар иртибот бо эҷодиёти Меҳринисо барои дигар муҳаққиқон мекушояд. Ҳама мавзуъҳое, ки дар бобҳо ва фаслҳои марбути онҳо дар рисолаи Усмониён Нозила мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз аҳамияти илмии қобили таваҷҷуҳ бархурдор мебошанд.

Усмониён Нозила Усмон дар муддати зиёда аз ду сол дар атрофи эҷодиёти шоири хушсалиқаи муосири тоҷик Меҳринисо Бобобекова ба кори илмӣ-таҳқиқӣ машғул буда, онро дар муҳлати муқарраршуда ба хатм расонидааст. Рисолаи аспирант Усмониён иборат аз муқаддима, се боб, 10 фасл, хулоса ва қисмати китобнома иборат мебошад.

Дар муқаддима оид ба аҳамияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ, метод ва методологияи таҳқиқ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ сухан рафта, ҳама дар мутобиқат бо меъёрҳои пешниҳоднамудаи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб гаштаанд.

Боби якуми кори унвонҷӯ унвони “Меҳринисо ва мавзуъу мундариҷаи асосии ашъори ӯ”-ро дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фаслҳои мазкур оид ба ҳаёту эҷодиёт, мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Меҳринисо таҳқиқот бурда шудааст.

Дар боби дувуми кор - “Хусусиятҳои бадеии ашъори Меҳринисо” оид ба асоситарин васоити тасвири бадеӣ дар ашъори шоир сухан ба миён рафтааст. Муаллифи рисола дар чаҳор фасл оид ба санъати ташбеҳ, истиора, талмеҳ ва навъҳои он, нақши дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо таҳқиқот бурдааст.

Дар боби сеюми рисола, ки “Хусусиятҳои сабкии ашъори Меҳринисо” номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ дар ҳаҷми чаҳор фасл оид ба корбурди вожаҳои нав ва хусусиятҳои услубиву маъноии онҳо, нақши ибораву таркибҳои нав, истифодаи вожаҳо ва ибораҳову таркибҳои халқӣ, нақши таноқуз ё парадокс, калимабозӣ, муҷазбаёнӣ ва мухтасаргӯйӣ дар эҷодиёти Меҳринисо таҳқиқот бурда, тавассути онҳо асоситарин вижагиҳои сабкии ашъори шоирро баррасӣ намудааст.

Забон ва услуби баён дар рисола хуб аст. Рисола бо эҳтимоми ин ҷониб мавриди таҳриру ислоҳ қарор дода шуд. Муҳокимарониҳо ва таҳлилу таҷзияи мавзуъҳо бо усули илми муосир мутобиқат доранд. Ҷанбаи таҳлил, фикррони ва натиҷагирии шахсии муаллиф дар рисола хуб эҳсос мешавад. Дар рисола аз осори назарии адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифодаи баҷо шудааст. Иқтибосот аз афкору назарияҳои муаллифони осори адабиётшиносӣ дар ҷойҳои лозимӣ истифода шудаанд. Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ аз адабиёт ва сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода намудааст.

Ҳар боб алоҳида натиҷагирӣ шуда, хулосаи умумии таҳқиқот ҳам ба таври муҷаз ва эътимодбахш матраҳ гардидааст.

Фишурдаи рисолаи диссертатсионии Усмониён Нозила Усмон ҳам дар шакли тоҷикӣ ва ҳам тарҷумаи русияш низ омода шудааст. Дар фишурдаҳо меъёрҳову тартиботи омодасозии шакли мухтасари рисолаи диссертатсионӣ риоя гардидаанд.

Муаллифи рисола шаш мақолаи худро дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфташуда ба табъ расонидааст.

Дар асоси он чи зикр шуд, мо чунин мешуморем, ки рисолаи диссертатсионии Усмониён Нозила Усмон зери унвони "Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ" ба анҷом расида, аз муҳокимаҳои марҳалавии пешаздифоӣ гузаштааст ва онро метавон барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Роҳбари илмӣ, д.и.ф., профессори
кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ: Саидҷаъфаров О.Ш.

Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Email.ru: Ozod_060374 @mail.ru / Тел.: 909093184

"04" 01 соли 2022